Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асламзода Некруз дар мавзуи “Бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ” аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва низоми давлатдории муосир мураккаб ба назар мерасад. Зуҳури таҳдиду хатарҳо ва бухронҳои доимӣ низоми бехатарии давлатҳо ва рушди уствори ҷомеаҳоро халалдор менамоянд. Аз ҳамин ҷост, ки масъалаи бехатарӣ ва устувории рушди ҷомеа дар доираҳои илмӣ, махсусан илми сиёсӣ муҳим ба ҳисоб рафта, ҳам аҳаммияти илмию назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Масъалаи нигоҳ доштан ва таъмини бехатарӣ ба сифати омили аввалиндараҷаи рушди устувори ҷомеа ва давлати миллӣ дар радабандии масъалаҳои муҳимми инкишофи давлати муосир мақом ва ҷойгоҳи махсусро соҳиб гардида, аҳаммияти махсуси илмию амалиро соҳиб мебошад. Масъалаи мазкур солҳои охир дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон, доираҳои илмӣ ва академӣ, марказҳои пажӯҳишӣ ва ояндабинии сиёсӣ қарор гирифтааст. Бехатарӣ ва рушди устувор агар аз як тараф диққати муҳаққиқон ва назарияпардозонро ба худ ҷалб намуда бошад, аз тарафи дигар, вазифаи аввалиндараҷаи тамоми таркиботи институтсионалии давлат ва ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад ва аҳаммияти назариявию амалии он аз ҳамин муҳим ва зарурӣ буданаш дарак медиҳад. Мавҷудияти бехатарӣ кафили истиқлолият, озодӣ ва оромӣ, инкишоф ва рушди инсон, ҷомеа ва давлат, таҳкимёбандагии низоми давлатдории миллӣ, ҳаёти хуррам ва осоиштаи мардум, рушди мувозинатии соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва

худмухторияти сиёсӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки дар рисолаи мазкур кӯшиши дарёфти роҳу воситаҳои таъмин, таҳким ва такмили бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеа, махсусан, ҷомеаи тоҷикистонӣ ба миён гузошта шудааст.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқи масъалаи бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеа, дар асосноккунии назариявӣ ва методологии масъалаҳо муносибати консептуалиро мавриди истифода қарор додааст. Барои баррасӣ ва муайян намудан аҳаммияти бехатарӣ ва таъмини он барои шахс, ҷомеа ва давлат, будан ва таъмини бехатарӣ ҳамчун шароити инкишофи озоди ҷомеа, таъмини баробарӣ ва озодӣ, эҳтироми арзишҳои инсонӣ истифодаи муносибати меъёриро арзишманд донистааст.

Ҳангоми таҳқиқот инчунин ба низоми донишҳои муосири синергетикӣ такя намуда, ҳолати ниҳодии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа дар асоси муносибати таркиботию функсионалӣ мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Н. Асламзода зарурати истифодаи усулҳои таҷдиди ғояҳо ва назария, муқоисаи таълимотҳои сиёсию ҳуқуқӣ, консепсияҳо ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, хусусияти равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идеологии глобалӣ ва таъсири онҳо ба низоми бехатарии миллӣ ва рушди устувори ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот ҷанбаҳои назариявию сиёсии таъмин ва ҳифзи бехатарии миллӣ ва таҳкими раванди рушди устувори ҷомеа дар шароити Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Дар робита ба ин, тарҳи миллӣ ва махсуси механизми таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа таҳқиқ гардида, заминаҳои таҳкими таркиботи функсионалии механизми давлатӣ ва ғайридавлатии таъмини бехатарӣ мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор гирифтаанд. Мазмун ва низоми ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатии

Тоҷикистон дар самти таъмини бехатарӣ ва рушди устувор ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ гаштаанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити амалигардии сиёсати давлатӣ барои Тоҷикистон масъалаи таъмини бехатарӣ, мустаҳкам намудани асосҳои рушди устувори ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Гурӯҳи масъалаҳои номбаршуда барои кишварҳои демократӣ, ки раванди инкишоф ва давраи гузариши сиёсиро аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир аз сар гузаронида истодааст, масъалаи муҳим ба шумор меравад. Аз назари муаллиф давлати демократии Тоҷикистон дар самтгирии фаъолияти мутаносиби институтҳои ҷамъиятӣ, ки унсурҳои асосии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа мебошанд, мусоидат мекунад. Кафолатҳои ҳуқуқии таъмини онҳоро фароҳам оварда, дар санадҳои меъёрӣ ва низоми сиёсию ҳуқуқӣ ҷой додааст.

Автореферати диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, кисматҳои асосии таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва аннотатсия иборат аст.

Дар таҳқиқоти мазкур баъзе мафҳумҳо ба таври нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо ба сифати навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд ва саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Дар баробари комёбиҳои зикршуда автореферати рисолаи илмӣ аз норасогиҳо холӣ нест:

- муаллиф навъҳо ва шаклҳои аасосии таҳдид ва хатарҳоро ба низоми бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон додааст. Аммо ба омилҳо ва сабабҳои бавуҷудоии хатару таҳдидҳо диққати зарурӣ надодааст;

- дар рисола дар бораи таҳдид ва хатарҳои гибридӣ андешаҳо иброз гардидаанд. Вале дар бахши таҳдид ва хатарҳо ба низоми бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ андозанамоии таъсирии ин навъи таҳдид ва хатарҳо нишон дода нашудаанд.

Рисолаи диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, баъзе камбудиҳои ҷузъии ҷойдошта арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Асламзода Некруз дар мавзуи "Бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологиҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи
Муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи
Муассисаи таҳсилоти олии байнидавлатии
Донишгоҳи словянии Русия ва Тоҷикистон Пардаев С.А.

Имзои Пардаев С.А. -ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи таҳсилоти олии байнидавлатии
Донишгоҳи словянии Русия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
куч. Мирзо Турсунзода, 30
Телефон: (+992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru